**ФАРМОИШИ**
**РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ**
**НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**аз «05» 05 соли 2025** **№ 178/бу** **ш. Душанбе**

Дар бораи аз баррасӣ бозхонд намудани парвандаи аттестатсионӣ оид ба дарёфти унвони илмӣ

Мутобиқи сархати 6 моддаи 16 ва сархати 7 қисми 2 моддаи 17 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ", сархати 4 банди 18 Низомномаи Муассисаи давлатии "Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон" (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10.11.2021, № 270),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Бо хоҳиши Ҳошимова Шафоатҷон Файзуллоевна парвандаи аттестатсионии номбурда оид ба дарёфти унвони илмии дотсент аз рӯйи ихтисоси "Таърих" аз баррасии Комиссия бозхонд карда шуда, дар ин асос дархостномаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров рад карда шавад.
2. Мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои гуманитарӣ Вализода Ҳ.С. вазифадор карда шавад, ки дар муҳлати то 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидани фармоиши мазкур, ҷиҳати ҷойгир намудани нусхаи он дар сомонаи Комиссия ва парвандаи аттестатсионии довталаб чораҳои зарурӣ андешад.
3. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Шарифзода М.М. вогузор карда шавад.

Асос: аризаи довталаб Ҳошимова Ш.Ф.

Раис Давлатзода С.Х.

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ